**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi расмӣ ба рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи “Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод шудааст.**

Дар тамоми давраҳои таърихии фарҳанг ва тамаддуни инсонӣ пояи маънавӣ, ахлоқӣ ва пешрафти ҷомеаро мактабу маориф, таълиму тарбия ташкил медод. Аз ташаккули низоми таълим, мактаб, тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ, аз истеъдоду маҳорати омӯзгор, тарбиятгар сатҳу дараҷаи маориф, илм ва дар маҷмӯъ пешрафту некуаҳволии тамои ҷомеа вобаста аст.

Таҳқиқ, таҳлил ва ҷамъбасту натиҷагирӣ аз таърихи рушди маориф дар Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он дар давраҳои гуногуни таърихӣ, хосатан дар рӯзҳои мо дар партави таҳаввулоти бузурги сиёсӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ дар ҷомеа, арзёбии нави арзишҳои маънавӣ, ҷустуҷӯи назари нав ба падидаҳои ҷомеа, аз ҷумла илм, маориф, эҳёи анъанаҳои ахлоқӣ, маънавӣ аҳамияти хосаро касб менамояд. Ин масъала дар ҷумҳурии мо дар замоне, ки мардуми Тоҷикистон роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявиро интихоб намудааст, аҳамият ва мубрамияти хосаро пайдо менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло диссертатсияи Сафарзода Ғ.Ғ. мавзӯи мубрам, замонавӣ ва дорои аҳамияти назариявӣ, илмӣ, маърифатӣ ва амалӣ мебошад.

**Мубрамият ва аҳамияти назариявию амалии масъала.** Рисолаи тақризшаванда ба яке аз масъалаҳои камомӯхташудаи таърихи ватанӣ – таърихи омӯзишу пажӯҳиши системаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва яке аз вилоятҳои бонуфузи ҷумҳурии мо – Хатлон ва мушаххасан дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб бахшида шудааст.

Матни рисола комилан инъикоскунандаи мазмуну мундариҷа ва мақсадҳои дар мавзӯъ баррасишаванда мебошад. Рисола аз лиҳози

мундаричa, мазмун ва сохтори он аз муқаддима, ду боб ва шаш зербобҳо, хулоса, феҳристи сарчашма, адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамият, арзиш ва аҳамияти илмии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмет, ҳудуди хронологӣ ва ҷуғрофии мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, мақсад, ҳадаф ва вазифаҳои пажӯҳиш, пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот, навгонии илмии рисола муайян ва мушаххас баён шудаанд.

Боби якуми рисола, "**Вазъи мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар солҳои 90-уми асри XX**", аз се зербоб иборат буда, дар зербоби аввал аввал - "**Мактабу маорифи вилояти Кӯлоб дар арафаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ**" масъалаи мубрами таърихи маорифи вилояти Кӯлоб дар марҳалаи фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва давраи барқарории соҳибистиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, душвориҳо ва масоили мубрам ва ҳалталаби низоми мактабу маориф дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби дуюми боби аввал "**Даргириҳои сиёсии солҳои 90-ум ва таъсири он ба мактабу маориф**" масъалаи таъсири манфии раванди якранги фаъолияти низоми мактабу маориф дар охири солҳои 80-уми асри XX таҳти таъсири манфии тамоюлҳои нави марказгурез таҳлили худро ёфтааст. Дар зербоби мазкур масъалаи ба саҳнаи сиёсат пайдо шудани созмонҳо, ҳизбу ҳаракатҳои гуногун дар заминаи манфиатҳои умумии маҳаллаву минтақаҳо ва дар ин росто соли 1991 аз байн рафтани давлати абарқудрати ИҶШС, пайдоиши ҷумҳуриҳои мустақил, гирдиҳамоиҳои тӯлонӣ, ташаннуҷ ёфтани вазъи сиёсӣ дар кишвар, шиддатгирии мубориза байни қувваҳои дохилӣ барои қудрати сиёсӣ, фалаҷ гардидани тамоми шохаҳои ҳокимияти сиёсӣ ва аркони давлатдорӣ, воқеаву рӯйдодҳои

муҳимдар оғози соҳибистиқлолӣ ва бунёди давлатдории миллӣ инъикос ёфтааст.

Зербоби сеюми боби якум “**Пойгоҳи моддию таълимии мактабҳои минтақа**” ба инъикоси вазъу ҳолати мактабу маорифи вилояти Кӯлоб дар арафаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, бахшида шуда, дар ин қисмат таъсири номаглубу ҳалокатбори даргириҳои сиёсии солҳои 90-ум ба мактабу маориф дар сатҳи минтақа, аз фаъолият боз мондани баъзе мактабҳо, тарк намудани омӯзгорон аз вазифаи худ, ҳолати ногувори низоми мактабу маориф ва таълим дар минтақаи Кӯлоб, ки хоси на танҳо ин минтақа, балки тамоми минтақаҳои ҷангзада ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола “**Рушди маорифи минтақа дар ибтидои асри XXI**” аз се зербоб иборат буда, он ба масъалаҳои татбиқи амалии ислоҳоти низоми таҳсилот ва гузариш ба стандартҳои ҷаҳонӣ, рушд ва тағйиротҳои сифатӣ дар низоми маорифи минтақа, масъалаҳои низоми маорифи минтақаи Кӯлоб дар самти такмили шаклу усулҳои таълим, беҳтарсозии сифати таълиму тарбия, ҷалби талабагон бо таҳсил, тайёрии пурраи омӯзгорон ба дарсҳо, таъмини мактабҳои минтақа бо таҷҳизоту маводи таълимӣ-техникӣ, методӣ, беҳтарсозии ҳолати таъмири мактабҳо, ташкили курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон ва мураббиён, тақвият бахшидан ба фаъолияти маҳфилҳои фаннӣ, компютеркунонии раванди таълим, тақвияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, забонҳои русӣ ва англисӣ, тайёр намудани хонандагон ба озмунҳои мухталифи фаннӣ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои давлатӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ бахшида шудааст.

Зербоби сеюми боби дуюм “**Таҳкими пойгоҳи моддӣ ва рушди раванди таълим**” фарогири масъалаҳои таърихи татбиқи барномаи ислоҳот дар соҳаи мактабу маориф, таҳкими пояҳои моддию техникии муассисаҳои

томактабию мактабӣ, омода намудани кадрҳои босалоҳият мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамин тавр, дар боби дуюм ҳолати татбиқи амалии ислоҳоти низоми таҳсилот ва гузариш ба стандартҳои ҷаҳонӣ мушаххас баён гардида, муаллиф ҷараёни рушд ва дигаргуниҳои сифатиро дар низоми маорифи минтақа пайгирӣ намуда, раванди таҳкими пойгоҳи моддӣ ва рушди раванди таълимро дар мактабҳои минтақа мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Рисолаи Сафарзода Ғ.Ғ. ғайр аз арзиши илмӣ, назариявӣ, маърифатӣ, инчунин аҳамияти амалиро низ доро мебошад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомшуда дар он зоҳир мегардад, ки маводи рисоларо ҳангоми таҳияи васоити таълимӣ, курси махсус. маводи лексионӣ оид ба таърихи навтарини халқи тоҷик ва таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи маориф ва мактаби ҷумҳурӣ ва рушди низоми маориф дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳоди муаллифи рисоларо метавонанд Мақомоти ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар мавриди салоҳиятҳои идоракунӣ дар соҳаи маориф, мактаб истифода баранд. Маводе, ки дар рисола истифода шудааст, ҳангоми таълифи асарҳои ҷамъбастӣ, монографияҳо, нашрияҳои энсиклопедӣ оид ба таърихи маорифи Тоҷикистон, алалхусус таърихи мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб муфид мебошад.

Шиносоӣ ва таҳлили диссертатсияи унвонҷӯ Сафарзода Ғ.Ғ. ба чунин хулоса меорад, ки масъалаи рушди маорифф, мактаб, таълиму тадрис, тарбия яке аз масъалаҳои меҳварӣ ва калидии сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, тамоми комёбӣ, дастовард, рушди ҷомеа, таъмини истиқлолияти воқеии мамлакат, тарбияи мутахассисони босалоҳият, дорои дониши маърифати комил, фардҳои худшинос, худогоҳ, ватандӯст аз мактабу маориф, тарбия, тадрис вобаста аст.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд кардааст, ки дар ҳолати татбиқи амалии ислоҳоти низоми таҳсилот ва гузариш ба стандартҳои ҷаҳонӣ дар низоми маорифи минтақа дастовардҳои назаррасро муваффақ шудан имкон дорад. Рисолаи унвонҷӯ Сафарзода Ғ.Ғ. таҳқиқоти илмӣ, таҳлилӣ ба ҳисоб рафта, он ба забони шево, оммафаҳм таълиф шудааст.

Дар баробари комёбиҳо дар рисола баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳо ба назар мерасанд, ки барои ислоҳи минбаъдаи онҳо таваҷҷуҳи муаллифро ба он ҷалб кардан мехоҳем:

**Якум**, таҳлили мухтасари низоми таълимӣ, ба истилоҳ анъанавии шӯравӣ бо низоми нави ба ном стандартҳои ҷаҳонӣ, ба назари мо, аҳамияти илмии диссертатсияи тақризшавандаро боз беҳтар месозад.

**Дуюм**, ба андешаи мо таҳлили муқоисавии низоми маорифи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар замони баррасишаванда бо баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон арзиши илмии диссертатсияро бештар меафзуд.

**Сеюм**, дар рисола баъзе иштибоҳ ва норасоиҳои услубӣ, имлоӣ, техникӣ ва чопӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои овардашуда хислати усулӣ (принсипиалӣ) надошта, онҳо арзиш ва аҳамияти илмӣ, назариявӣ, маърифатӣ ва амалии диссертатсияро коста намесозанд.

Мазмуну муҳтавои рисола дар мақолаҳо ва гузоришҳои муаллиф инъикос ёфта, натиҷаҳои таҳқиқот дастраси аҳли илм ва мардум гаштаанд, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати илму маорифи Федератсияи Россия, 7 мақола дар нашрияҳои гуногун инъикос ёфтаанд.

Аз гуфтаҳо ва андешаҳои дар болозикршуда метавон ба чунин хулоса ва натиҷагирӣ расид, ки диссертатсияи унвонҷӯ Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи "Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)"

таҳқиқоти мустақилона, аслӣ ва мантиқан ба анҷом расидааст, ки ба мавзӯи хеле мубраму муҳими таърихи ватанӣ бахшида шуда, он ба меъёрҳо ва талаботҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда оид ба таълифи рисолаи номзадӣ (бандҳои 31, 32, 33, 34, 35-и Низомномаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола унвонҷӯ унвонҷӯ Сафарзода Ғ.Ғ. сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи таърихи**
**халқи тоҷики факултети**
**таърих ва ҳуқуқи МДТ**
**"ДДХ ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров"** **Шарифов Шавкат**

25.01.2023с.

Имзои н.и.т., дотсент
Шарифов Шавкатро
"Тасдиқ менамоям".

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик
Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.М.

**Суроғаи донишгоҳ:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров

Тел.: 6-52-73, 6-47-39;
Факс: 6-75-18
E-mail: rector@hgu.tj
E-mail: shavkat_5353@mail.ru
Тел: (+992) 92-754-66-00